**ХУЛОСАИ**
**ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D. КОА-028-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**
**дар бораи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20.- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ**

Парвандаи аттестатсионии №______

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 20-уми июни соли 2019**

Дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷӯраев Хайём Акрамович додани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20.- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ.

Диссертатсияи Ҷӯраев Хайём Акрамович «Таҳлили сохторӣ-маъноии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20.- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121) барои ҳимоя пазируфта шудааст.

Диссертант Ҷӯраев Хайём Акрамович, соли таваллудаш 1989, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз сентябри соли 2015 ба ҳайси ассистент ва аз моҳи феврали соли 2018 ба сифати саромӯзгор дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ кор мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ: Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович,** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Нуров Пирмаҳмад Гулович**
  доктори илмҳои филология, мудири шуъбаи илмӣ-ташкилии Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- **Туйғунов Ноеир Ҳақбердиевич**
  номзади илмҳои филология, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

**Муассисаи пешбар:** Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

**Дар тақризи муассисаи пешбар** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода омадааст, ки давраи Истиқлолият ба мо имкон медиҳад, ки ба таҳқиқи илмии масъалаҳои гуногуни забоншиносӣ аз диди нав назар намоем, зеро забон дар ҳоли ташаккул буда, ба муроқибатҳои илмӣ ниёз дорад. Мавзӯе, ки мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст, бешубҳа, мубрам буда, барои илми забоншиносии муосири тоҷик аҳамияти назарӣ ва амалӣ дошта, дар истилоҳшиносии тоҷик, аз ҷумла истилоҳоти адабиётшиносӣ таҳқиқоти тоза маҳсуб мешавад.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсия мақсаду вазифаҳои дар пеш гузоштаашро пурра иҷро кардааст ва як кори пухтаи илмиро пешниҳод намудааст, ки ба талаботи корҳои диссертатсионӣ комилан мувофиқ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои зикршуда диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи кори илмӣ хеле муфиданд, аз ҷумла:

- дар раванди таҳқиқ муаллифи рисола аз сарчашмаҳои зиёде иқтибос овардааст, аммо назари танқидии муҳаққиқ ба онҳо он қадар ба чашм намерасад;
- бархе аз истилоҳоти иқтибосшуда бошад дар такриби луғавии забонҳои фавқуззикр гунаи аслии худро нигоҳ доштаанд, аммо муаллиф роҷеъ ба ин масъала андешаҳои худро баён накардааст;
- - агар муаллиф шакли овонавишти истилоҳоти иқтибосшударо дар қавсайн пешниҳод менамуд, хеле хуб мешуд;
- дар баъзе саҳифаҳои рисола ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд (с. 6, 8, 13 ва ғ.).

Диссертатсияи Ҷӯраев Хайём Акрамович дар мавзӯи «Таҳлили сохторӣ-маъноии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20.- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ таҳқиқоти анҷомёфта маҳсуб гардида, ҷавобгӯ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он Ҷӯраев Хайём Акрамович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20.- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Диссертант 26 мақола ба табъ расонидааст, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудааст ва 22 номгӯйи мақолоти дигар фарогири мавзӯъ ва муҳтавои аосии диссертатсия буда, дар маҷмӯаҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд, чунин аст:

1. Джураев Х.А. Заимствованные литературоведческие термины в таджикском языке / Х.А. Джураев//Вестник ТГПУ им. С. Айни, 2017. – №4, (71). – Душанбе: Изд-во ТГПУ им. С. Айни, 2017. – С. 86-88.
2. Ҷӯраев Х.А. Шарҳи истилоҳоти гуногунтаркиби адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Х.А. Ҷӯраев // Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. 2018 с. – № 3.(75). – С. 164-167.
3. Ҷӯраев Х.А. Истилоҳоти адабиётшиносӣ аз дидгоҳи забоншиносони асримиёнагӣ / Х.А. Ҷӯраев // Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. 2018 с. – № 4. (76) – С. 138-141.
4. Ҷӯраев Х.А. Падидаи сермаъноӣ дар истилоҳоти адабиётшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Х.А. Ҷӯраев // Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ. - Душанбе: Матбаии ДДОТ ба номи С. Айнӣ 2018.- № 5-1 (77). - С. 153-156.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

**аз Шокиров Туғрал -** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Тақриз мусбат буда, дар он зикр шудааст, ки баробари дастовардҳо дар он баъзе ғалатҳо роҳ ёфтаанд, ки қайд намудани онҳоро зарур меҳисобем:

1. Дар зербоби сеюми боби якуми рисола «Сарчашмаҳои ташаккули истилоҳоти адабиётшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» муаллиф бештар ба сарчашмаҳо ва манбаъҳои тоҷикӣ назар афкандааст, аммо дар таносуб ба сарчашмаҳои англисӣ муҳаққиқ кам таваҷҷӯҳ намудааст. Дар раванди таҳқиқ муаллиф танҳо ба се фарҳанги мукаммали адабиётшиносии англис таваҷҷӯҳ намудааст.

2. Дар баъзе аз саҳифаҳои фишурдаи диссеретатсия (саҳ. 6, 9, 10, 12) ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасад;

**аз Мухторов Зайниддин** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, директори Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат буда, баробари муваффақиятҳо дар он баъзе нуқсону камбудиҳое низ роҳ ёфтаанд, аз ҷумла:

-дар зербоби панҷуми боби сеюми диссертатсия - «Истилоҳоти иқтибосии адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» муаллифи рисола нақши иқтибосшавии истилоҳоти адабиётшиносии баъзе забонҳоро (италявӣ, юнонӣ, олмонӣ, ҳиндӣ)-ро ба таркиби луғавии забони англисӣ нодида мегирад. Агар истилоҳоти аз забонҳои фавқ иқтибосшударо мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор медод, хеле хуб мешуд.

-дар баъзе аз саҳифаҳои фишурдаи диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ (саҳ. 17, 21) ба чашм мерасанд;

**аз Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм-**доктори илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат буда, зикр шудааст, ки дастовардҳои муҳими фишурдаи диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо низ орӣ нест:

муаллиф дар диссертатсия иқтибосоти зиёдеро ҷой додааст, агар ӯ назари танқидии худро баён менамуд, хуб мешуд.

дар бархе аз саҳифаҳои кор (саҳ.8,9,11) сарчашмаҳои иқтибосгардида нишон дода нашудааст ё ин ки муаллиф тарҷумаи ибораву ҷумлаҳоро ба пуррагӣ мушаххас накардааст;

**аз Исматуллозода Ширин**– доктори илмҳои филологӣ, директори коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи шаҳри Душанбе. Тақриз мусбат буда, таъкид шудааст, ки бо вуҷуди комёбиҳо, дар фишурда баъзе ғалатҳо роҳ ёфтаанд, ки қайд намудани онҳо бамаврид аст:

-агар боби дуюми рисола «Таҳлили сохтории истилоҳоти адабиётшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» номгузорӣ мешуд, хубтар мебуд.

-дар баъзе аз саҳифаҳои фишурдаи диссертатсия (саҳ. 13,14,16) ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасад;

**аз Бочина Татьяна Геннадьевна** – доктори илмҳои филоллогӣ, декани Мактаби олии забони русӣ ва муоширати байнифарҳангии ба номи И.А. Бодуэн де Куртенэ, мудири кафедраи забони русӣ ҳамчун забони хориҷии донишкадаи филология ва байнифарҳангии Донишгоҳи Федералии Қазон. Тақриз мусбат буда, қайд мешавад, ки бо вуҷуди комёбиҳо, дар фишурда баъзе ғалатҳо роҳ ёфтаанд, ки қайд намудани онҳо бамаврид аст:

1. Баъзе аз мисолҳое, ки ба истилоҳоти адабиётшиносӣ мансубанд, тарҷумаи англисӣ ва русии худро надоранд ва ё баръакс (саҳ. 17, 25, 28 ва ғ.).

2. Дар фишурдаи ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ низ ба чашм мерасад.

Муқарризони расмӣ дар баробари муайян кардани баъзе нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) муҳимияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои шоёни муаллифи диссертатсияро низ таъкид кардаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони варзида дар соҳаи забоншиносии муқоисавӣ, муқобилавӣ ва типологӣ буда, дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф карданд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад. Муассисаи пешбар яке аз муассисаҳои бонуфузи илмии соҳаи филология дар ҷумҳурӣ ба шумор рафта, бо мутахассисони варзидаи худ дар самти таҳқиқу таҳлили масоили умдаи забоншиносии муқоисавӣ хеле маъруф гардидааст.

Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки муҳаққиқ дар асоси маводи зарурӣ ва фаровон хусусиятҳои сохторӣ, семантикӣ ва оморӣи истилоҳоти адабиётшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисиро ба таври дақиқ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

Пешниҳод шудааст, ки истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои таҳқиқшаванда ба низоми муайян ва ба як шакл даровarda шуда, гурӯҳбандӣ гарданд. Дар робита бо ин, истилоҳоти марбути адабиётшиносие, ки ба василаи тарҷумаи таҳтуллафзии калима ё вожа ва истилоҳоти забонҳои мухталиф, ки махсусан аз забонҳои арабӣ ва русӣ

сохта шудаанд ва таъсири онҳо дар ташаккули истилоҳоти илмӣ ва иҷтимоиву сиёсӣ муайян карда шавад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки ҳалли масъалаҳои дарпешгузошта имконият медиҳад, ки вижагиҳои типологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ пурратар ва жарфтар дарк карда шавад, инчунин натиҷаҳои таҳқиқот дар пажӯҳиши амиқи назарияи умумии истилоҳот муфид хоҳад буд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот ҳамчунин дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷаҳои диссертатсия метавонанд, барои таҳқиқоти минбаъдаи типологӣ ва муқоисавии забонҳои гуногун ва назарияи тарҷума истифода шаванд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он мебошад, ки натиҷагириҳо ва маводи он метавонанд ҳангоми таҳия ва таълифи грамматикаи амалӣ ва луғатшиносиву луғатнигории забонҳои муқоисашаванда ва дастурҳои таълимӣ барои мактабҳои олӣ, зимини таҳияи курсҳои амалии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ истифода шаванд.

Аз назари амалӣ диссертатсияи мазкур ҳамчунин барои дарёфти маълумоти мушаххас ҳангоми омӯзиши шаклҳо, семантика ва роҳҳои истифодаи истилоҳоти адабиётшиносӣ ва тақвияти равишҳо ва методҳои таълими мавзӯъ мусоидат хоҳад кард.

**Мутобиқи мақсаду вазифаҳои диссертатсия** зимни таҳлили илмии мавод аз усули таҳқиқи муқоисавӣ-типологӣ истифода гардидааст. Дар мавридҳои зарурӣ ҳамчунин аз усулҳои тавсифӣ, диахронӣ, синхронӣ, оморӣ, таҷзия, калимасозӣ, этимологӣ ва лингвистии таҳлил ба кор гирифта шудааст.

**Саҳми фардии муҳаққиқ** дар он зуҳур меёбад, ки истилоҳоти адабиётшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ пурра гирд оварда шуда, вижагиҳои сохторӣ ва семантикии онҳо баррасӣ гардида, дар заминаи ин хусусиятҳои фарққунанда ва монандии онҳоро мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтааст. Ҳамчунин, таҳқиқи масоили этимологии истилоҳоти адабиётшиносӣ, ки дар илми забоншиносӣ хеле кам таҳқиқ шудааст, таҳлилу баррасӣ гардида, омори онҳо нишон дода шуда, масоили калимасозии онҳо баррасӣ шудаанд.

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ рӯзи 20-уми июни соли 2019 дар бораи ба Ҷӯраев Хайём Акрамович додани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ қарор қабул кард

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 25 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, 24 нафар иштирок дошт, ки аз ин 7 нафар аз рӯйи ихтисоси 10.02.20– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ мебошанд, дар ҷаласа иштирок дошт. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 24 нафар, «зид» - нест, «баргаҳои беэътибор» - нест.

Баромади Ҷӯраев Хайём Акрамович дар мавзӯи «Таҳлили сохторӣ-маъноии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси

10.02.20.- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ, тақризи муассисаи масъул, баромади муқарризони расмӣ доктори илмҳои филологӣ Нуров Пирмаҳмад Гулович, номзади илмҳои филологӣ Туйғунов Носир Ҳақбердиевич ва муассисаи пешбарро шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи диссертант

**қарор қабул мекунад:**

1. Диссертатсияи Ҷӯраев Хайём Акрамович дар мавзӯи «Таҳлили сохторӣ-маъноии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20.- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.
2. Мақолаҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.
3. Ба Ҷӯраев Хайём Акрамович дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20.- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Ҷӯраев Хайём Акрамович дипломи дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20:- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавиро диҳад.

Муовини раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Нозимов А. А.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Мирзоалиева А.Ш.

20-уми июни соли 2019.